Мс 633
С-13.



# ДЕВОШТИЧ

Мал 63.3
С-13

ҲАЗРАТ САБОҲӢ

# ДЕВОШТИЧ

*(Аз силсилаи «Симоҳои ҷовид»)*

б/ф 374.
с/13
ш
об

Душанбе
«Адиб»
2009

Муҳаррир **Ю. Аҳмадзода**
Масаввир **А. Абдуллоев**



ISBN 978-99947-57-95-4

© Ҳазрат Сабоҳӣ, 2009

Девоштич аз ҳокимони Суғд буд ва бар муқобили истилогарони араб мубориза бурд. Дар таърихномаҳо номи ин марди шуҷоъро Девоштак низ зикр кардаанд. Лашкаркашони араб аз ӯ ҳамеша дар ҳарос буданд.

Девоштич аввал ба арабҳо наздик шуд, боварии онҳоро ба даст овард ва сипас роҳи аз сарзамини суғдиён пеш кардани истилогаронро ҷуст.

Дар солҳои 719-722 дар тамоми кишвари Суғд бар зидди арабҳои истилогар шӯриши мардум авҷ гирифт. Девоштич аз ҳокимони Фарғонаву Чоч ёрмандӣ хост, зеро арабҳо, ки аз ин исёнҳо ба таҳлука афтода буданд, аз хилофат лашкари дигаре дархост намуданд. Лашкар ба Суғд расид.

Дар набарди нобаробар сугдиён шикаст хӯрданд. Девоштич ба арабҳо рӯй оварду гуфт:



– Агар шумо кишвари моро тарк накунед, мо шаҳру деҳотро холӣ мекунем. Дар он сурат шумо аз гуруснагӣ хоҳед мурд!

Сугдиёне, ки ғуломи арабҳо шудан намехостанд, ҳамроҳи Девоштич ба тарафи Хуҷанд ҳаракат намуданд. Онҳо мехостанд, ки дар Хуҷанд қувва ҷамъ намуда, ба таври ногаҳонӣ ба арабҳо ҳамла оранд. Ба ин мақсад Девоштич ҷангкунон аз Самарқанд ба Панҷакат ақибнишинӣ кард. Дар Панҷакат набардҳои шадид ба амал омаданд. Пас аз ин Девоштич бо ҳазорҳо нафар сарбозон ва тарафдорони худ аз тариқи мавзеъҳои Киштут, Мадм, Кум ба сӯи Хуҷанд равон гардид.

Сарбозони Девоштичро лашкари араб бо сарварии Мусайяд таъқиб менамуд. Суғдиён дар қалъаи Кум паноҳ ҷустанд. Сипаҳсолори араб Сулаймон, ки бар зидди сарбозони Девоштич меҷангид, қалъаро муҳосира кард. Девоштич баъд аз ҷангҳои зиёд ба мақсади пешгирии хунрезии беҳуда ба сулҳ бо арабҳо розӣ шуд.

Сулаймон ба баҳонаи имзои қарордоди сулҳ Девоштичро ба назди лашкаркаш Ал-Харошӣ ба шаҳри Кеш (Шаҳрисабзи имрӯза) фиристод. Ал-Харошӣ чанд муддат Девоштичро напазируфт, зеро аз вай ниҳоят метарсид. Боре Ал-Харошӣ бо Девоштич ба баҳонаи дидани ҳоли мардум ба Арбинҷон сафар кард. Дар ин ҷо ҷосусони араб шабе ӯро дастгир намуданд ва Ал-Харошӣ барои тарсондани суғдиёни шӯришгар Девоштичро дар назди қабристони Арбинҷон ба дор овехт. Сипас сари ӯро аз тан ҷудо карда, ба маркази хилофат – Бағдоди Ироқ фиристод. Ин фоҷиа дар соли 722 ба вуқӯъ пайваст.

Дар ин солҳо дар Суғд шӯриши дигаре авҷ мегирифт, ки ба он Хуршеди Корзанҷӣ сарварӣ менамуд.



**Ҳазрат Сабоҳӣ**

# ДЕВОШТИЧ

*(Барои кӯдакони синни хурд ва синфҳои ибтидоӣ)*

Муҳаррири ороиш **Р. Шералӣ**
Муҳаррири саҳифабандӣ **М.Саидова**
Ҳуруфчини компутерӣ **Р. Атоева**

Ба матбаа17.08.09 таҳвил гардид. Чопаш 03.09.09
ба имзо расид. Андозаи 60x841/16. Коғаз ва чопи офсетӣ.
Ҳуруфи адабӣ. Ҷузъи чопӣ 0,5. Адади нашр 3000 нусха.

Нашриёти «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17 а.

Дар матбааи С/И «Маҳмудҷон» чоп шудааст.
734025, ш.Душанбе, ноҳияи Рудакӣ, кӯчаи Зафар.
Тел.: 919 94 80 80